# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Зоҳири Тоҷиддин дар мавзӯи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

## 1.Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия

Дар раванди расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 нақши фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ хело назаррас мегардад. Вобаста ба ин истифодаи фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди бомуваффақияти иқтисодиёти митақа мубрам ҳисобида шуда, аз ташкили оқилонаи таъмини захираҳои мавҷуда бо назардошти истифодаи усулҳои муосири молиявӣ имконият медиҳад, ки барои рушди самараноки ояндаи минтақаҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Аз таҷриба бар меояд, ки имрӯз масоили зиёде нисбати баландбардории самаранокии идоракунии фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо назардошти маҳдудияти захираҳои молиявӣ вобаста буда, таҳқиқи хусусиятҳои ҷойдошта ва таъсири омилҳоро ба фаъолияти самараноки низоми идоракуниро тақозо мекунад. Мутаассифона масъалаҳои зиёде ҳангоми омӯзиш мавҷуданд, ки таҳқиқи амиқро бо назардошти такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар назар дорад. Аз тарафи дигар, таҳия ва рушди фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз аҳаммияти баланди амалӣ ва назариявии ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Аз тарафи дигар ҳалли мушкилоти такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаҳо дар асоси коркард ва истифодаи механизмҳои муносиб, зарурати таҳқиқи ҷабҳаҳои такмили ин низомро дар шароити муосир тақозо мекунад. Бо назардошти ин мубрамии мавзуи интихобшудаи диссертатсионии Зоҳири Тоҷиддин бебаҳс буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

## 2.Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба бандҳои: « андҳои 3.2. Тақсимоти қаламравии захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода; 3.8. Нақши омилҳои институтсионалӣ дар тараққиёти низомҳои иқтисодии минтақавӣ. Хусусиятҳои минтақавии дигаргуншавии муносибатҳои моликиятӣ, таъсири онҳо ба сохтор ва самаранокии фаъолият ва инкишофи низомҳои иқтисодии минтақавӣ; 3.14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, сохторҳои бизнес ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Вазифаҳо ва механизмҳои идоракунӣ. Асосноккунии методӣ, коркарди схемаҳои ташкилӣ ва механизмҳои идоракунии минтақаҳо, баҳодиҳии самаранокии онҳо; 3.15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии тараққиёти иҷтимой-иқтисодӣ. Муаммоҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии маҳаллӣ » мувофиқат мекунад.

## 3.Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди масоили илмӣ бо арзёбии аҳмамияти он

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи рисола дида мешавад. Муаллиф дар муайян намудани самтҳои такмили фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу арзёбии тамоюли вазъи муосири сиёсати минтақавии давлатро дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ кишвар саҳми худро гузошта, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст. Тавсияҳои методӣ ва амалие, ки дар диссертатсия асоснок карда шудаанд, ҳангоми ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар раванди тадриси фанҳои менеҷменти инноватсионӣ ва молиявӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, менеҷмент истифода мешаванд.

Муаллиф дар инкишофи равандҳои пешниҳоди чораҳои амалӣ нисбати такмили фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат

дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва рушди муносибатҳои судманди иҷтимои-иқтисодӣ саҳм гузошта, бо натиҷаҳои ба даст овардааш самтҳои афзалиятнок, вазифаҳо ва тадбирҳои асоснок карда, дар асоси онҳо татбиқи фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлатро дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ исбот кардааст.

Аз ин рӯ, аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосир зоҳир мегардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ба даст омада, метавон саҳми муҳим дар такмили фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намуд. Инчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, коркарди оморӣи натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф тасдиқ мегардад.

Хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ, ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

## 4.Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ иборат аст.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз қисматҳои зерин иборатанд:

1. Дар асоси таҳқиқи пурраю комплексӣ ҷанбаҳои назариявию методии мафҳуми “шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ҳамчун низоми институтсионалии мутақолибаи давлат ва бизнес дар шакли ташкили комплексии фаъолияти иқтисодӣ ва манфиатовар арзёбӣ гардида, ҷиҳати расидан ба ҳадафи ягона бо истифодаи захираҳои моддӣ ва ғайримоддии ниҳодҳо барои баланд бардоштани самаранокии рушди иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он, афзудани вазни қиёсии бахши хусусӣ дар тавлиди молу хизматрасониҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ пешниҳод шудааст.

2. Дар диссертатси зарурияти дар сатҳи минтақавӣ баррасии маҷмуи соҳаҳое, ки дар онҳо хусусигардонӣ ва зиёд намудани вазни қиёсии бахши хусусӣ имконнопазир ва манфиатовар аст асоснок карда шудааст. Инчунин, зарурияти ташаккул ва истифодаи фишангҳои сиёсати давлатӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика, шоҳроҳҳои автомобилӣ, роҳи оҳан, таъмини газ, об ва гармӣ, хоҷагии коммуналию манзилӣ, деҳот, тандурустӣ, маориф ва ғайра арзёбӣ гардидааст. Асоси ин гуна муносибатҳо дар натиҷаи баҳодиҳии самаранокии алоқаи байниҳамдигарии давлат ва бизнес сурат гирифта, истифодаи принсипҳо ва шаклҳои муътадилгардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур дониста шудааст.

3. Арзёбии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси ҳуқуқҳои моликият ва таъсири омилҳои рушди мутақобилаи бизнес-сохторҳо гузаронида шуда, он бо роҳи ивази ихтиёрии салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун (миллӣ ва минтақавӣ) амалӣ карда мешавад. Баррасии баъзе афзалиятҳои иқтисодӣ ва шартномавии муайяни бахши давлатӣ ба хусусӣ дида баромада шуда, таъмини самаранокии рушди иқтисодии минтақаи алоҳида аз ҳисоби афзудани вазни қиёсии бахши хусусӣ ба даст оварда шудааст.

4. Дар асоси таҳқиқ таҷрибаи хориҷӣ оид ба ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ омухта шуда, дар раванди ҳамкориҳо бештар шудани вазни қиёсии бахши хусусӣ зарур дониста шуда, қабули қарорҳои идоракунӣ, танзими фаъолият, барои ба даст овардани манфиати иқтисодӣ ва амалисозии лоиҳаҳо бо истифодабарии механизми ҳамоҳангии давлат ва бахши хусусӣ афзалият дода шавад.

5. Чораҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани фазои институтсионалии фаъолияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ таҳия гардидааст, ки қабули меъёрҳои нав ва иловагӣ ва самтҳои мушаххаси шарикии мақомоти давлатӣ ва соҳибкории хусусиро муҳим арзёбӣ менамояд. Инчунин, муайян гардидааст, ки тақсимоти захираҳо, масъулияти иштирокчиёни раванд, арзёбии сатҳи рушди иқтисодӣ ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ аз заминаи меъёрии муайяншуда вобастагии калонро доро мебошад.

6. Мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси ҷалб ва ҳамоҳангсозии асотсиатсияҳои тиҷоратӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз байн бурдани қарздоршавии бахши хусусӣ дар назди муассисаҳои давлатӣ, таъмин намудани кафолати буҷетӣ ва таъмини иҷроиши самараноки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа

сурат гирифтааст. Дар ин раванд механизми мукаммалгардонии низоми идоракунии ҳамкории шариконаи давлат ва бахши хусусӣ дар асоси коркарди тавсияҳо роҷеъ ба истифодаи самараноки иқтидорҳои иқтисодӣ, алоқамандӣ ва ҳамбастагии омилҳои истеҳсолот, роҳҳои танзими талабот ва пешниҳод дар бозорҳои минтақавӣ, арзёбии усулҳо ва роҳҳои таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа дар асоси таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мувозинати сатҳи нархҳо ва самаранокии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ таъмин менамояд, пешниҳод гардидааст.

**5.Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Диссертатсия муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашударо дар бар гирифта, он дар 204 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шуда, аз 16 ҷадвал, 18 расму 5 диаграмма ибоат аст.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ (саҳ.4-13), фарогири баррасии мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методии таҳқиқот, ҳадафи объект, мавзуъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия, иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он ва интишор оид ба натичаҳо нишон дода шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосир» (саҳ.14-80) асосҳои назариявии шарикии давлат ва бахши хусусӣ (саҳ.14-31), принсипҳо ва моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (саҳ.32-54), баррасии таҷрибаи хориҷии ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа (саҳ.55-80) мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор дода шудааст.

Аз таҳлили зербанди аввали боби якуми диссертатсия бар меояд, ки дар асоси омӯхтани асосҳои назариявии таҳқиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ нақши он дар арзёбии беҳдошти натиҷаҳо дида баромада шудааст ва баъдан ин натиҷаҳо имконият додаанд, ки такмили ин механизм дар шароити имрӯза дар асоси баррасии усулҳои муосир мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар сатҳи зарурӣ аз тарафи муаллиф принсипҳо ва моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди омӯзиш қарор дида шуда, нақши он ва иҷрои функсияҳои мухталифи он баррасӣ шудааст.

Боиси дастгирӣ натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа, ки аз тарафи муаллиф ба анҷом дода шудааст ва истифодаи он дар мамалакати мо имконпазир аст ба ҳисоб меравад.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҳлил ва арзёбии фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» (саҳ.81-132) ба таҳлили ҳолати муосир ва ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа(саҳ.81-100), баррасии вазъи иқтисодии иҷрои ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар миқёси ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (саҳ.101-114) ва муаммоҳои амалигардонии ин механизм дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (саҳ.114-132) бахшида шудааст.

Дар зербоби аввали боби дуюми кори диссертатсионӣ таҳлили ҳолати кунунӣ ва ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа дар асоси арзёбии ҳаматарафа гузаронида шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ дар зебоби дуюми ин боб арзёбии иқтисодии вазъи иҷрои ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа дар асоси омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сомон расонида шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

Мо пешниҳоди муаллифро нисбати ташкили инфрасохтори инноватсионӣ, ки тамоми хусусияти самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳоро ба инобат гирифта мувозинатро дар ҳамкории онҳо барои баланд бардоштани самаранокии умумии фаъолияти инноватсионӣ муқаррар менамояд дастгирӣ менамоем.

Инчунин, чораҳои пешниҳод намудаи муаллифро ҷиҳати дарёфти муаммоҳои амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусиро дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ саривақтӣ мешуморем.

Дар боби сеюми диссертатсия- «Роҳҳои таъмини рушди иқтисодиёти минтақа дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (саҳ.133-176) арзёбии самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа (саҳ.133-150), такмили механизмҳои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа (саҳ. 151-161), дурнамои иҷрои сиёсати давлатӣ ва рушди баробарии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ .162-176)баррасӣ гардидааст.

Аз баррасии зербоби аввали боби сеюм бар меояд, ки самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа хело зарур дониста шуда, унсурҳои истифодакунӣ асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ такмили механизмҳои. сармоягузории рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа ва самаранокии ин механизм мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин радиф диққати асосӣ ба таҳия ва татбиқи стратегияи истифодаи самараноки механизми сармоягузорӣ ва самтҳои он амалӣ кардан зарур дониста шудааст.

Дар зербоби охирини боби сеюм дурнамои иҷрои лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушд ва баробарии минтақаҳо дар сатҳи зарурӣ пешниҳод карда шуда, натиҷаҳо дуруст баҳогузорӣ гардидаанд.

Дар хотимаи диссертатсия муаллиф маҷмӯи тадбирҳои мушаххасеро ироа кардааст, ки аз натиҷаи истифодаи фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ бармеоянд.

Дар охири рисола инчунин хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 145-151).

**6.Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия**

Дар кори тақризшаванда дастовардҳои назарраси методӣ, назариявӣ ва амалии бадастовардаи унвонҷӯ хеле зиёд буда, барои дифои диссертатсияи номзадӣ кофӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар кори диссертатсионӣ камбудиҳои зерин ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия дар сатҳи муайян асосҳои назариявию методии таҳқиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (саҳ.14-31) бо назардошти таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ ба анҷом дода шуда, гузаронида шудааст. Мутаассифона дар раванди омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва методӣ, на ҳамаи ҷабҳаҳои ин механизм ва масоил дар асоси таҳқиқи ба вуҷудоии тағйиротҳои трансформатсионӣ ба пуррагӣ омӯхта шудааст.

2. Дар рисола таҷрибаи хориҷии ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа (саҳ.55-80) вобаста ба шароити муосири рушди устувори иқтисодӣ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳӣ қарор дода нашуда, пешниҳодҳои асоснок нисбати истифодаи ин таҷриба дар ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок нагардидааст.

3. Ба ақидаи мо дар рисола бояд ҳангоми арзёбии иқтисодии вазъи иҷрои ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа бо назардошти баррасии тағйирёбии сохторӣ, амали намудани механизми бо воситаю захираҳои молиявии инноватсионӣ ҷойи муносиб ҷудо карда

мешуд. Мутаассифона ба ҳалли ин масъала дар диссертатсия диққати . зарурӣ дода нашудааст.

4. Дар рисола ҳангоми баҳодиҳии муаммоҳои амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (саҳ.114-132) дар асоси нишондиҳандаҳои асосӣ ва раванди амалигардонии ин механизм пурра сурат нагирифтааст. Инчунин омилхое, ки ба рушди иқтидори инноватсионии бахши давлатию хусусӣ ва механизми шарикӣ таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқи пурра қарор дода нашудааст.

5. Дар диссертатсия ҷойи махсус ба такмили механизмҳои сармоягузории рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа (саҳ.151-161) дода шудааст. Мутаассифона арзёбии пурраи танзими давлатии ин механизм ва самаранокии он дар шароити кунунӣ дур аз таҳқиқ мондааст.

6. Дар рисола дурнамои иҷрои лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушд ва баробарии минтақаҳо (саҳ.162-176) дар сатҳи муайян арзёбӣ гардидааст. Мутаассифона на ҳамаи ҷабҳаҳои иҷрои лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ноҳияҳои муайяни тобеи ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст.

7. Диссертатсия дорои баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва орфографӣ мебошад. Инчунин баъзе аз муқарраротҳоро бо назардошти амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ равшану аниқ кардан зарур аст.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии кори такризшавандаро коста намегардонанд ва бештари онҳо хислати тавсиявӣ доранд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Зоҳири Тоҷиддин дар мавзӯи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» таҳқиқоти мукаммали дар сатҳи баланди назариявию методӣ ва амалӣ анҷомёфта буда, мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмии он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

## 7.Мутобиқати автореферат ва интишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия

Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти тақризшаванда ба пуррагӣ дар автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои

тақризшаванда ва инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳо илмию амалии сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар сатҳи зарурии илмию назариявӣ ва методӣ иҷро шудааст.

**8.Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Диссертатсияи Зоҳири Тоҷиддин дар мавзӯи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Мақаррizи расмӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори кафедраи
фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

**13 марти соли 2025**

Имзои д.и.и., ро... Р...чабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳо... ДДТТ Пирзода С.С.

**Суроғаи** ...гоҳ: 734..., Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ...аи Деҳ...отӣ,1/2. Почтаи электронӣ: drrajab@mail.ru
Тел: + 992934444107.